Ба Шӯрои диссертасионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон
(734067, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/1)
e-mail: faridullo72@mail.ru

**ТАҚРИЗИ**

муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисосҳои 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт); 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии муаллиф бо бандҳои зерини Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошанд: а) аз рӯи ихтисоси 08.00.00 – илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт): 1.2. Назария ва методологияи амсиласозии иқтисодию математикӣ, таҳқиқи имкониятҳо ва татбиқи онҳо: назария ва методологияи ҷараёнҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва низомҳо дар намуди амсилаҳои математикӣ, иттилоотӣ ва компютерӣ. 1.4. Таҳия ва таҳқиқи амсилаҳо ва методҳои математикии таҳлили равандҳо ва низомҳои микроиқтисодӣ: соҳаҳои хоҷагии халқ, фирмаҳо ва корхонаҳо, хоҷагиҳо, бозор, механизмҳои ташаккули талабот ва истеъмол, роҳҳои арзёбии миқдории хавфи соҳибкорӣ ва асосноккунии хулосаҳои инвеститсионӣ. 1.9. Таҳия ва рушди методҳо ва амсилаҳои математикии таҳлил ва пешбинии рушди иҷтимоию иқтисодии ҷараёнҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ҷараёнҳои демографӣ, бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, сифати зиндагии аҳолӣ ва ғайра. 2.1. Рушди назария, методология ва амалияи озмоиши компютерӣ дар таҳқиқи

масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва идоракунӣ. 2.5. Таҳияи муқаррароти консептуалии истифодаи технологияи иттилоотӣ ва иртибототии нав бо мақсали баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ дар низомҳои иқтисодӣ. 2.10. Рушди методҳои афзории (инструменталии) таҳлили механизмҳои фаъолияти бозорҳои молӣ ва хизматрасонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисоди глобалӣ ва савдои озод. б) аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт): 1. Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ. Нақш ва мавқеи хизматрасониҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 2. Самаранокии иҷтимоию иқтисодӣ дар муассисаҳои соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 4. Омилҳои таъсиррасон ба ҷойгиршавӣ ва самаранокии фаъолияти муассисаҳои соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 5. Механизми идоракунии бозори хизматрасониҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 13. Таъмини сифати хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 14. Идоракунии сифати хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 16. Таҳкими иқтидори иқтисодию иҷтимоии хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт. 17. Таъминоти зеҳнӣ ва кадрии бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Тибқи муқаррарот диссертатсияи докторӣ масъалаи муҳими илмиро ҳал ва ё самти нави илмиро кашф мекунад ва дар ин замина мубрамияти мавзӯъ вобаста бо ҳалли ихтилофҳои байни сатҳи мавҷудаи донишҳои дилхоҳ соҳа ва таҷрибаталаб муайян карда мешавад.

Аз ин нуктаи назар, диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ба ҳалли ихтилофҳо байни усулҳои мавҷуда доир ба ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозии он нигаронида шудааст.

Тавре ки муаллиф зикр намудааст, дар консепсияҳои иқтисоди рақамӣ ва таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафи гузаштан

ба низоми таҳсилоти рақамӣ ҳамчун раванди таъмини сифати баланди таҳсилот тавассути васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ маънидод гардидааст. Дар робита ба ин, ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сифати раванди таълим ба масъалаи муҳими стратегӣ ва афзалияти калидии таъмини рақобатпазирии муассисаҳои таълимӣ табдил ёфта истодааст. Барҳақ қайд мегардад, ки то ҳол дар бораи равишҳо ва низомҳои таъмини сифати таҳсилоти олӣ фаҳмиши ягона вуҷуд надорад. Дар шароити торафт зиёд гардидани рақобат дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва зарурати ҳарчи зудтар ҷорӣ кардани иқтисоди рақамию инноватсионӣ ва иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои таъмини сифати баланди низоми таҳсилоти олӣ, омодасозии мутахассисони ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат, роҳандозии пайванди илм бо истеҳсолот ҳоло ба яке аз муҳимтарин ҳадафҳои сиёсати давлатии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Аз ин лиҳоз, мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти Раҳмонзода З.Ф. бебаҳс мебошад.

**Дар баробари асоснокии мубрамияти мавзӯи таткиқот** метавон зикр намуд, ки мантиқи рисола аз асосноккунии зарурати коркарди механизмҳои идоракунии ҷараёни ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ (барои ин ҳисобу амсилаҳо ва дурнамоҳо тарҳрезӣ шудааст, ки хусусияти стратегиро доро мебошанд) иборат мебошад.

Муаллиф, мутобиқ ба муқаррароти мавҷуда, ба зарурати ташаккул ва амалисозии механизми ташкили идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст.

Хусусияти системавии он бо истифода аз имкониятҳои технологии замони муосир тавассути дигаргунсозии сифати хизматрасониҳои таълимӣ омодасозии нерӯи инсонии ҷавобгӯи бозори меҳнат ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, унвонҷуй доир ба тассавуроти мавҷудаи консептуалӣ дар такя ба таҳлили эволюсионӣ ва дарки ҷараёнҳои ташкил ва идоракунии сифати таълим мунаққидона тафаккурронӣ намудааст.

Матни диссертатсия донишҳои амиқи муаллифро доир ба проблемаи омӯхташаванда, усулҳои муосири таҳқиқот ва маҳорати истифодаи он дар ҳалли масъалаи мураккаби усули илмӣ собит менамояд.

**Заминаи эмпирикии таҳқиқот**, аз ҷумла маводи тадқиқотӣ, далелу маводҳои баҳснопазир, хулосаву гипотезаи пешниҳодшуда дар сатҳи кофӣ буда, муаллиф ҳаҷми зиёди маълумотҳои гуногунро истифода намудааст ва ба зикри далелҳо маҳдуд нашуда, дар асоси таҳлили микдориву сифатӣ модели қонунмандиро пешниҳод намудааст.

Хусусан усулҳои коркарднамудаи арзёбии сифати хизматрасониҳои таълимӣ ва дурнамосозиҳои иқтисодии самаранокии он дар заминаи истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои нави илмӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлили ҳамаҷонибаи ҷараёнҳои ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва таҳияи методҳои арзёбии онҳо ба муаллиф имкон додааст, ки як қатор муқаррароти нави принсипиалиро дар диссертатсия асоснок намояд.

Метавон зикр намуд, ки таҳқиқоти Раҳмонзода З.Ф. дар сатҳи баланди услубӣ (методӣ) анҷом дода шуда, натиҷаҳо ва муқаррароти боъэтимоду асоснокшударо доро мебошад.

Унвонҷуй дар таҳқиқоти пешниҳодшуда тамоюлҳои асосии рушди низоми хизматрасониҳои таълимӣ дар донишгоҳҳои кишвар ва вазифаҳои асосии раванди иттилоотонии васеи соҳаи таҳсилот ҳамчун раванди ҳамгирой ва пайванди ҷузъҳои таркибии низоми ягонаи таълимӣ-методӣ-техникӣ-технологӣ-кадрии муассисаҳои таҳсилотӣ ошкор намудааст; номувофиқатии байни сатҳи татбиқ ва рушди технологияҳои таълимӣ ва натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин вобастагии ҷиддии сатҳи самаранокии истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ аз дараҷаи пайванди имкониятҳои ТИК бо неруи илмӣ-

педагогии муассисаи таҳсилотӣ муайян намудааст. Ҳамзамон, методҳои асилу сифатан нави методӣ ва услуби арзёбии вазъи муосири сатҳу сифати таҳсилот дар муассисаҳои олии касбиро аз лиҳози ҳамгироии унсурҳои натиҷаҳо, сифат ва самаранокии таҳсилот, таъсири маҷмуи омилҳои беруна ва дохилӣ ва зарурати ташаккулёбии бозори мукаммали хизматрасониҳои таҳсилотии электронӣ бо назардошти такмили мавқеи иштирокчиёни асосии раванди таълим иҷро карда шудааст.

Бояд гуфт, ки ҳамбастагии натиҷаҳои консептуалӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодашуда, ки хусусияти фарқкунандаи ҳамаи бахшҳои сохтории он мебошад, аз ҷумлаи дастоварду бартариятҳои фарқкунандаи он ба ҳисоб меравад.

Хулосабарории муаллиф доир ба раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва болоравии мақоми маърифату таҳсилот дар рушди устувори ҷомеа, инчунин роҳандозии шаклҳои нави фаъолият оид сифати таҳсилот- банақшагирӣ, робитасозӣ, назоратбарӣ ва такмилдиҳӣ бо алгоритмҳои амалисозии марҳилаҳои татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ асоснок карда шуда, дар боби хотимавӣ самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ пешниҳод карда шудааст.

Муаллиф имкониятҳои равишҳои муосири илмӣ, тасаввуроти нави консептуалӣ ва маҷмӯи маълумоти мубрамро бо маҳорати баланди илмӣ истифода намудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии таҳқиқот аз ҷониби унвонҷӯ вобаста ба ихтисосҳои 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт); 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) ҷудо гардидаанд.

Муқаррароти илмӣ ва натиҷаҳои зерини кори диссертатсиониро метавон асоснокшуда ҳисобид. Аз ҷумла:

- ҷанбаҳои (муқарраროти) назариявии ташаккули низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ ҳамчун заминаи сифати таълими муназзам дар мактаби олӣ муайян карда шудаанд (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт));

- бо мақсади таъмини сатҳи баланди рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ дар заминаи ҳамгироии зичи сифати низоми таҳсилот бо равандҳои таълимӣ натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аниқ карда шудаанд (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт));

- категорияи «сифати хизматрасониҳои таълимӣ» (СХТ) аз нуқтаи назари иқтисодӣ таҳқиқ карда шуда, принсипҳо, заминаҳо ва механизмҳои ташаккули низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ муайян карда шудаанд (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт));

- зарурат, хусусиятҳои умумӣ ва марҳилаҳои асосии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои 20 таълимӣ дақиқ карда шудаанд (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт));

- зарурати мутобиқсозии принсипҳо ва усулҳои низоми «идоракунии умумии сифат» (total quality management – TQM) ба соҳаи хизматрасониҳои таълимӣ дар бозори дохилӣ аз рӯи меъёрҳои банақшагирии сифат, барқарорсозии робитаҳои байни сифат, назорати сифат ва такмили параметрҳои сифат бо пешниҳоди хусусиятҳои бештар умумии хизматрасониҳои таълимӣ ва меъёрҳои (талаботҳои) интизории иҷрокунандагон ва истеъмолкунандагони онҳо асоснок карда шудааст (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт));

- нақшаи намунавии инфрасохтори иттилоотии шабакаи компютерии маҳаллии донишгоҳӣ дар заминаи таъсиси маркази махсуси технологияҳои иттилоотӣ ва бунёди маҷмуи синфхонаҳои компютерии махсусгардонидашудаи бисёрфунксионалӣ бо андозагириҳои худкори нишондиҳандаҳои сифати раванди таҳсилот пешниҳод карда шудааст (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт));

- бори нахуст дар шароити иқтисодиёти бозорӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон дар шакли мукаммал тамоюлҳои асосии рушди НИСХТ муайян карда шудаанд (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт));

- самтҳои асосии такмили идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ барои мактабҳои олии Тоҷикистон бо назардошти соҳаи маорифи ҷаҳонӣ пешниҳод карда шудаанд (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт));

- тамоюлҳои асосии рушдкунандаи соҳа аз лиҳози иттилоотонии васеъ ва беҳдошти сатҳи рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимӣ баҳои комплексӣ дода шудаанд (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт));

- тамоюлҳои асосии рушди низоми хизматрасониҳои таълимӣ дар донишгоҳҳои кишвар ва вазифаҳои асосии раванди иттилоотонии васеи соҳаи таҳсилот ҳамчун раванди ҳамгироӣ ва пайванди ҷузъҳои таркибии низоми ягонаи таълимӣ-методӣ-техникӣ-технологӣ-кадрии муассисаҳои таҳсилотӣ ошкор карда шудаанд (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт));

- номувофиқатии байни сатҳи татбиқ ва рушди технологияҳои таълимӣ ва натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин вобастагии ҷиддии сатҳи самаранокии истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ аз дараҷаи пайванди имкониятҳои ТИК бо нерӯи илмӣ-педагогии муассисаи таҳсилотӣ муайян карда шудаанд

(08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт));

- арзёбии сифати раванди таҳсилот аз лиҳози ҳамгироии унсурҳои натиҷаҳо, сифат ва самаранокии таҳсилот, таъсири маҷмуи омилҳои беруна ва дохилӣ ва зарурати ташаккулёбии бозори мукаммали хизматрасониҳои таҳсилотии электронӣ бо назардошти такмили мавқеи иштирокчиёни асосии раванди таълим иҷро карда шудааст (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт));

- дар заминаи амсилаҳои якпараметра (Г. Раша) ва бисёрпараметра (А. Бирнбаум) алгоритми раванди мутобиқшавии донишҷӯ ба тартиби тестии компютерӣ бо назардошти аниқсозии расмиёти татбиқи он, сатҳу сифати қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯён ва душвории дарки супоришҳои тестӣ таҳия карда шудааст (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)).

- амсилаи равандҳои асосии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ ва қисматҳои таркибии он (идоракунӣ, таълимӣ, иловагӣ) бо назардошти андозаи талаботи мизоҷон ва қонеъгардонии онҳо кор карда баромада шудааст (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт));

- гурӯҳҳои асосии равандҳои бо ҳам алоқаманди хизматрасониҳои таълимӣ ва қисматҳои таркибии онҳо бо мақсади татбиқи рисолат, шаклгирии ҳадафҳои асосӣ ва сохтори ташкилии низоми таҳсилоти олии касбӣ ҷудо карда шудаанд (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт));

- афзалиятҳои асосии усули равандгарои идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ ҷудо карда шуданд, самараҳои мултипликативии ҷорисозӣ ва татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аниқ карда шудаанд (08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт));

- такмили сохтори идоракунии низоми таҳсилот дар мактабҳои олӣ дар заминаи оқилона гардонидани (оптимизатсияи) усулҳо ва нақшаҳои истифодабарии захираҳои иттилоотӣ ба роҳ монда шудааст (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт));

- максималӣ гардонидани сатҳи иттилоотонии соҳа ва бузургии самаранокии пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт));

- таҳияи амсилаи оптимизатсионии истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар заминаи пешниҳоди вариантҳои рушди соҳаи таҳсилот ва ҳисобкунии дурнамои рушди соҳаи хизматрасониҳои таълимӣ барои давраи то соли 2025 (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт));

- маҷмуи афзорҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ, таҳқиқӣ ва идоракуние, ки татбиқи афзалиятноки механизмҳои таъмини сифати хизматрасониҳои таълимиро дар асоси худтанзимкунӣ кафолат медиҳанд, таҳия карда шудааст (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт));

- самаранокии иқтисодии татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар баланд бардоштани эътимоднокии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ ҳисоб карда шудааст (08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)).

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи** муаллифи диссертатсия қисмати асосӣ ва хотимавии рисолаи илмиро дар бар гирифта, арзёбии мавзуи таҳқиқшавандаро нишон медиҳанд. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки арзёбии дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллиф имконияти минбаъдаи онро дар самти амалигардонии механизмҳои самаранокии татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар баланд бардоштани эътимоднокии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ инъикос менамояд. Ҳамчунин нуқтаҳои ба

ҳимоя пешниҳодшаванда моҳияти назариявӣ, амалӣ ва методологии диссертатсияро дар самти таҳқиқи масъала инъикос намуда, пурра раванди таҳқиқотро фаро мегиранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳоднамудаи унвонҷуй** бар асоси методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии ташхиси компютерӣ, принсипҳои амсиласозӣ ва бо такя ба маҷмуи усулҳои назариявӣ ва эмпирикии мутобиқ ба мавзуъ, ҳадаф ва масъалаҳои таҳқиқот пойбарҷо мебошад. Дараҷаи асоснокӣ ва муътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва хулосаву тавсияҳои дар он шаклгирифта зимни арзёбии шароит ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълум, назарсанҷиҳо, экспериментҳо, арзёбии натиҷаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ ва вебинарҳо, тасдиқи нуктаҳои дар фарзия пешниҳодшуда, омезиши комплекси усулҳои мувофиқ ба масъалаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ва нашри маводи илмии таҳқиқот муайян карда шудаанд.

Навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионии Раҳмонзода З.Ф.-ро тавсиф намуда, метавон зикр намуд, ки он бо консепсияи пешниҳоднамудаи муаллиф оид ба ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ асос ёфта, коркарди ин ғояи моҳиятан нав имкон додаанд, ки афзунсозии назаррасии донишҳо ба даст оварда шаванд.

Дар ин афзунсозии донишҳои илмӣ, аз ҷониби муаллиф, метавон як қатор элементҳои асосиро ҷудо намуд: таҳияи амсилаҳои консептуалии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва усулҳои амсиласозӣ, аз ҷумла амсилаи равандҳои асосии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ ва қисматҳои таркибии он (идоракунӣ, таълимӣ, иловагӣ) бо назардошти андозаи талаботи мизоҷон ва қонеъгардонии онҳо; мушаххассозии гурӯҳҳои асосии равандҳои бо ҳам алоқаманди хизматрасониҳои таълимӣ ва қисматҳои таркибии онҳо бо

мақсади татбиқи рисолат, шаклгирии ҳадафҳои асосӣ ва сохтори ташкилии низоми таҳсилоти олии касбӣ; ҷудо кардани афзалиятҳои асосии усули равандгарои идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ ва аниқ кардани самараҳои мултипликативии ҷорисозӣ ва татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (саҳ. 205-251).

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи муаллиф аз муқаддима, панҷ боб, натиҷаҳои мухтасари бобҳои диссертатсия, хулосаҳои умумӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Диссертатсия дар 376 саҳифаи матни компютерӣ пешниход шуда, дорои 10 ҷадвал ва 35 расм мебошад. Рӯйхати адабиёт аз 424 номгӯй, аз ҷумда: феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда аз 363 номгӯй ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ аз 61 номгӯй иборат аст.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии** таҳқиқоти Раҳмонзода З.Ф. аз рушди назарияи идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ иборат буда, асосҳои назариявии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ба низом дароварда шудааст ва дар таҳқиқоти диссертатсионӣ рушди минбаъдаи худро пайдо намудаанд. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ муқаррароти иқтисодии соҳаи хизматрасони таълимиро рушд ва пурра карда, ҷанбаҳои методологии рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотиро мушаххас менамоянд ва метавонанд ҳамчун асоси назариявӣ барои таҳияи стратегия ва воситаҳои ташаккули низоми нави хизматрасониҳои таълимӣ дар рушди неруи инсонӣ ва ҳалли масъалаҳои стратегии иқтисоди миллӣ, аз ҷумла саноатикунонии босуръат ва таъмини шуғли пурмаҳсул хизмат намоянд.

Муқаррарот ва натиҷаҳои илмии таҳқиқот метавонанд дар таҳия ва такмили барномаҳои курсҳои асосӣ ва махсуси таълимии «Назарияи иқтисод», «Менеҷмент», «Идоракунии сифати маҳсулот», «Иқтисоди бахши ҷамъиятӣ», «Иқтисодиёти маориф», «Амсиласозии равандҳои иқтисодӣ», «Баҳисобгирии муҳосибӣ», «Таҳлили компютерии фаъолияти

корхонаҳо», «Автоматикунонии фаъолияти корхонаю муассисаҳо», «Информатикаи иқтисодӣ» ва ғайра ҳамчун заминаи назариявӣ истифода бурда шаванд.

Инчунин, аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳои назариявӣ, усулҳо, равишҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун афзори методии таҳлили мушкилоти рушди соҳаи маориф, воситаи пешгӯӣ ва танзими рушди низоми таҳсилоти олии касбӣ истифода шуда, сиёсати давлатиро бо таъминоти иттилоотии идоракунии сифати таҳсилоти олии касбӣ ҳамоҳанг созанд. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди такмили усул ва принсипҳои асосии сиёсати давлатии иттилоотонӣ дар кишвар, асосноккунӣ ва баланд бардоштани самаранокии қарорҳои қабулшавандаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун тавсияҳои методӣ хизмат намоянд.

Аз онҳо, инчунин, дар коркарди минбаъдаи принсипҳои танзими фаъолияти системаҳои иттилоотии идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми бевоситаи муаллиф дар таҳқиқот дар мустақиман иштирок намудан дар масъалагузориҳои илмӣ ва эътимоднокии ҳалли натиҷаҳои онҳо, гузаронидани таҳқиқоти назариявӣ ва экспериментелӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, баргузории озмоишҳои компютерӣ, таҳлил ва хулосабарориҳои ҷамъбастӣ, шахсан навиштан ва ба нашр расонидани натиҷаҳо ва муҳтавои асосии диссертатсия ифода ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо ягонагии дохилӣ ва робитаҳои байниҳамдигарии худ дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амсиласозиҳои консептуалию компютерӣ бо фарогирии равишҳои иқтисодии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти олии касбианд, метавонанд дар рушди назария ва амалияи илми иқтисодиёт васеъ истифода бурда шаванд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 61 мақолаи илмӣ ва интишороти

гуногун, аз ҷумла 12 адад монографияҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳо ва дастурҳои таълимию методӣ, 32 адад мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 19 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Тоҷикистон (7 адад дар алоҳидагӣ) ба нашр расонида шуда, боқимондаро мақолаҳои дар нашрияҳои шомили пойгоҳи eLIBRARY.ru, маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ташкил додаанд. Ҳаҷми умумии интишороти илмӣ аз рӯи мавзуи диссертатсия ба 22,5 ҷузъи чопӣ баробар аст.

Таҳлили номгӯйи интишорот ва мазмуни автореферати муаллиф собит менамоянд, ки хулосаҳои асосӣ ва муқаррароти кори диссертатсионии Раҳмонзода З.Ф. дар интишороти илмии муаллиф дарҷ гардидаанд ва муҳтавоии асосии диссертатсия дар автореферат ифода ёфтааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи таҳқиқотии диссертатсия, ки фарогири хусусиятҳои миллии раванди иттилоотонии низоми таҳсилоти олии касбӣ дар кишвар мебошад, ба муайян кардани вобастагии байни сифати хизматрасониҳои таълимӣ ва сатҳи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бахшида шуда, бо «Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2017», «Барномаи давлатии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015», «Барномаи давлатии тайёр намудани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ барои солҳои 2016-2020», «Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020», «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», «Барномаи татбиқи консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015», «Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042», «Консепсияи иқтисоди рақамӣ

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030», «Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020», «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2012» ҳамоҳанг буда, тибқи «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (иқтисодиёт: иқтисоди рақамӣ, ҳукумати электронӣ ва иттилоотонӣ; маориф: таҳсилоти рақамӣ ва ташаккули низоми самараноки тайёр кардани кадрҳои ба рушди нерӯи инсонӣ, ҷомеа, давлат ва иқтисодиёт мусоидаткунанда ва рақобатпазир дар сатҳи ҷаҳонӣ), ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд омода гардида, мутобиқ ба муаммои «Татбиқи механизми рақамикунонӣ ва моделсозии ҷараёнҳои иқтисодӣ ва молия дар раванди амалигардонии модели индустриалӣ-инноватсионии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон»- дар доираи самти «Қонуниятҳои рушди рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҳамгироии иттилоотии молиявӣ ва иқтисодӣ»- марбут ба мавзуи таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон «Истифодабарии технологияи нави иттилоотӣ дар 8 таъминоти рушди босуботи иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон» рӯи кор омада, дар Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (РБ: № 9027) ба қайд гирифта шудааст.

**Тавсияҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба кори диссертатсионӣ.** Ба андешаи мо, дар кори диссертатсионии ба ҳимоя пешниҳодшуда дар баробари дастоварду муваффақиятҳо баъзе нуктаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Сатҳу сифати диссертатсияи пешниҳодшуда боз ҳам баланд мегардид, агар муаллиф ҳангоми баррасии масъалаҳои усулҳои амсиласозии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ (боби

чоруми таҳқиқоти илмӣ) дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ таҷриба ва бурду бохти низоми таҳсилоти олии касбии давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонро низ васеътар таҳқиқ намуда, ҷанбаҳои афзалиятнок ва таҷрибаи беҳтаринро дар татбиқи низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимии ҶТ пешниҳод мекард.

2. Агар ҷанбаҳои молиявии ташаккул ва рушди сифати хизматрасониҳои таълимӣ васеътар омӯхта мешуданд, натиҷаҳои боз ҳам бурдноктар ба даст меомаданд.

3. Ба андешаи мо, таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ дар хизматрасониҳои муосири таълимӣ, аз ҷумла истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар бунёд ва истифодаи инфрасохтори таълимӣ, тиҷоратикунонии натиҷаҳои илмӣ, роҳандозии пайванди илм бо истеҳсолот дар робита ба ташкили низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ ба болоравии арзиш ва сифати кори диссертатсионӣ мусоидат менамуд.

4. Дар баъзе сарҳатҳои алоҳидаи диссертатсияи мазкур ба хатогиҳои дорои хусусияти таҳририӣ ва имлоиву услубӣ роҳ дода шудааст.

Пешниҳоду тавсияҳои додашуда ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд сифати таҳқиқоти илмии муаллифро коҳиш диҳад ва ба натиҷаҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқот таъсири бевоситаи худро гузоранд.

Дар умум, метавон гуфт, ки таҳқиқоти илмии Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзӯи "Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт); 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) таҳқиқоти илмии анҷомёфта арзёбӣ мегардад ва ҷавобгӯ ба ҳамаи талаботҳои навиштани ин гуна таҳқиқотҳо, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

муқаррар гардидаанд, ба ҳисоб рафта, муаллифи он Раҳмонзода Зоир Файзалӣ арзандаи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои зикргардида мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
д.и.и., профессори кафедраи
идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муқаддасзода Ф.М.

Имзои Ф.М.Муқаддасзода - ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Ф.

Суроға:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир -33
+992 (37) 224-17-86